7865 - Оё рӯзаи шаш рӯзи Шаввол ҳар сол зарур аст?

савол

Шахсе шаш рӯзи Шавволро рӯза мегирад, аммо дар яке аз солҳо бемор мешавад, ё чизе монеъи рӯза гирифтан мегардад, ё танбалӣ менамояд ва онро анҷом намедиҳад, оё гунаҳкор мешавад? Зеро мо шунидаем, агар касе ки ин рӯзаро як сол анҷом дод, воҷиб аст, ки онро тарк накунад.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи шаш рӯзи Шаввол пас аз иди Фитр суннат аст. Касе, ки ин рӯзаро як маротиба ё бештар анҷом дода бошад, бар ӯ воҷиб нест, ки онро доимо рӯза бигирад ва касе ки он рӯзаро тарк кунад, гунаҳкор намешавад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.